ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (Punica granatum L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология пешниҳод гардидааст.

Рисолаи илмии пешниҳоднамудаи муаллиф Давлатзода О.М. ба омӯзиши зараррасонҳои яке аз намуди растании шифоии таркиби флораи Тоҷикистон бахшида шудааст, ки он аҳаммияти калони илмӣ-амалӣ дорад. Навгонии кори илмӣ ба таври возеҳ инъикоси худро дар автореферат ёфтааст, ки бории аввал таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор, рӯйхати таксономии онҳо, хусусияти ғизогирӣ, марҳилаи осебрасонӣ, паҳншавӣ, намудҳои васеъпаҳншуда, хусусиятҳои биоэкологии зараррасонҳои асосӣ, динамикаи шумораи зараррасонҳо маълум карда шудааст.

Ҳамзамон таркиби намудии энтомоакарифагҳои зараррасонҳо, рӯйхати таксономӣ ва таснифотӣ, нақши баъзе аз энтомоакарифагҳо дар коҳиш додани зараррасонҳо, намудҳои васеъпаҳнгардида ва таҳияи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо аз ҷониби муаллиф муайян ва пешниҳо гардидааст.

Рисолаи мазкур аз он гувоҳи медиҳад, ки муаллиф дар доираи таҳқиқот: мушоҳидаю таҷрибаҳо кӯшиш намудааст маҷмуи масъалаҳои бо ҳам алоқаманди зараррасонҳои анорро ҳал намояд. Дар автореферати диссертатсияи таъсири зараррасонҳоро вобаста ба қисмҳои гуногуни растании анор омӯхта онҳоро ба таври зайл гурӯҳбанди намудааст: I.Зараррасонҳои баргу муғҷа: 25 намуд (66%), II. Зараррасонҳои гул: 1 намуд (3%); III. Зараррасонҳои мева: 2 намуд (5%); IV. Зараррасонҳои поя ва навда: 2 намуд (5%); V. Зараррасонҳои реша: 3 намуд (8%); VI. Зараррасонҳои барг, гул, муғҷа ва мева: 5 намуд (13%) аз нуқтаи назари илмӣ дар бораи тарзи зараррасонии зараррасонҳо маълумот ба даст овардан, имконият фароҳам оварда мешавад, ки усули муносиб ва қуллай бар зидди зараррасонҳо ба роҳ монда шавад.

Навгонӣ ва ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ин аст, ки бори аввал дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор муайян карда шуда, хусусиятҳои биоэкологӣ, марҳилаи осебрасонӣ, махсусияти ғизогирӣ ва паҳншавии зараррасонҳои асосии анор муайян карда шудааст. Фенология ва осебпазирии навъҳои анор аз оташаки анор – *Euzophora punicaella* Morr., ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass., зараррасонии кирмаки Комсток – *Pseudococcus comstocki* Kuw. сафедболаки тамоку ё пахта – *Bemisia tabaci*

Genn. гамбусаки зарарнок – *Polyphylla adspersa* Motsch., тӯронӣ – *Epicometis turanica* Peitt. гарданкутоҳ – *Capnodis tenebricosa* Ol., канаи сурхи мевагӣ – *Panonychus ulmi* Koch., тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch., канаи анор – *Tenuipalpus punicae* Prit. Et. Bak., ҳамчунин, сафедболаки тамокӯ ё пахта – *Bemisia tabaci* Genn. паҳнкунандаи бемориҳои занбӯруғии анор ошкор гардидааст. Ҳамзамон нахустин маротиба таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва нақши баъзе аз намудҳои онҳо дар танзими шумораи ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор аниқ карда шудааст. Рӯйхати таксономии онҳо тартиб дода шуда, самаранокии усулҳои мубориза (биологӣ, кимиёвӣ, агротехникӣ ва механикӣ) бар зидди зараррасонҳои анор таҳия, коркард ва муайян гардидааст, ки ин маълумотҳои бадастомада дорои аҳамияти калони илмӣ-амалӣ мебошад.

Истифодаи маводди зидди зараррасонҳо, яъне инсектитсидҳо ва акаридсидҳо низ таҳлил гардида, маҷмуи чораҳои пешгирикунандаю муборизавӣ пешниҳод шудааст.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки таҳқиқот бо истифода аз маҷмуи усулҳои саҳроӣ, энтомологӣ, озмоишгоҳӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шудааст. Ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, гуногунии усулҳои истифодашуда ва муқоисаи натиҷаҳо бо маълумоти сарчашмаҳои илмӣ барои асоснок намудани хулосаҳои муаллиф заминаи зарурӣ фароҳам овардааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, баррасии сарчашмаҳо, мавод ва усулҳои таҳқиқот, таҳқиқоти хусусӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад. Адабиётҳои истифодашуда 160 сарчашмаҳои илмиро дар бар гирифта, аз онҳо 16 манбаи хориҷӣ мебошанд. Дар диссертатсия 27 расм ва 14 ҷадвал оварда шудааст.

Мазмуни автореферат ва фаъолияти илмии муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия 30 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз ин миқдор 6 дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида нашр шудааст.

Мазмун, самтҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада ба шаҳодатномаи ихтисоси 1.5.21.Зоология мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва каънаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси

1.5.21.Зоология таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, ба ҳалли масъалаи муҳими илмӣ равона шудааст.

Бо дарназардошти мазмун, навгонии натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо»,ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои биологӣ (аз рӯйи ихтисоси
03.02.04 – Зоология), и. в. дотсенти
кафедраи зоологияи факултети биологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ Эргашев Усмоналӣ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +(992) 918784410;
Почтаи электронӣ: usmonalie@mail.ru

Имзои У. Эргашевро-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел. /Fax/: (+992 37)22 41 383. E- mail:info@ **tgpu.tj**
Сомонаи расмӣ:**WWW.tgpu.tj**

12.12.2026